**Суратҷаласаи №11**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

аз 24 сентябри соли 2020

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар,
аз рӯйи ихтисос 6 нафар

24 сентябри соли 2020 соати 13.00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 16:50.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи «**Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик**» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ: Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, академики АМИ Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
2. **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
3. **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Солеҳов Мирзо Одинаевич бо муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон Р. Раҳмонов, А. Кӯчарзода, Д. Хоҷаев, С. Сулаймонов ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: дар асоси мактуби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21.09.2020 №266/дс, иҷозатнома ва дастури Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.09.2020 №374 тақризҳои муқарризии якум **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа ва тақризи муқарризи сеюм **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз ҷониби котиби илмии Шӯро Ж. Гулназарова хонда шуд, муқарризи дуюм **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баромад намуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Маҳмадаминов, Р. Раҳмонов, Д. Хоҷаев, А. Кӯчарзода, Б. Максудов, С. Сулаймонов, иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – Р. Раҳмонов (раис), А. Азимов, Ф. Шарипова (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 20 нафар аъзои Шӯро 15 нафар ҳузур доранд: аз инҳо 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Жилло бинобар сабаби номзади илмҳои филологӣ будан тибқи банди 164-и Низомнаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда наметавонад.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 14, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Солеҳов Мирзо Одинаевич додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 24.09.2020** **ш. Душанбе**

Баромади Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи «**Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади

муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа – **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – **Салихов Шамсидин Аслидинович** ва доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Давлатбеков Лоло Мирзоевич**, муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон А. Маҳмадаминов, Р. Раҳмонов, Д. Хоҷаев, А. Кӯчарзода, Б. Максудов, С. Сулаймонов шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Солеҳов Мирзо Одинаевич.

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи «**Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Солеҳов Мирзо Одинаевич дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Солеҳов Мирзо Одинаевич дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.